Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур – Шарифов Зариф Раҳмонович ба диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба бандҳои зерини Феҳристи шиносномаи соҳаи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.10. Назария ва методологияи буҷасозӣ; 1.13. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес – ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо) мувофиқ аст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста ба шароити муосири рушди иқтисодии кишвари мо дар худ соҳаи стратегии хоҷагии халқро таҷассум намуда, объекти асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сарчашмаи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохили (ММД)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мақсади асосии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ин таъмин намудани мустақилӣ ва бехатарии озуқаворӣи кишвар бо роҳи баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар гардонидани сифат, васеъ намудани номгӯйи маҳсулот ва паст гардонидани арзиши аслии маҳсулоти

истеҳсолшаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Барои ба ин мақсади стратегӣ ноил гардидан амалисозии як қатор чорабиниҳо оид ба азнавкунӣ ва шиддат бахшидани истеҳсолот дар ҳар як ташкилоти хоҷагиҳои кишоварзӣ тариқи амалисозии комплексии сиёсати иқтисодию иҷтимоии он зарур меояд.

Барои бомуваффақият ҳал кардани ин масъалаҳо дар доираи хоҷагиҳои кишоварзӣ ва қисматҳои фаъоли онҳо такмили низоми идоракунии хоҷагии кишоварзӣ, пурзӯр кардани амалкунии функсияҳои он барои бо самар истифода бурдани захираҳои моддӣ, биологӣ, заминӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ талаб карда мешавад.

Амалисозии ин чорабиниҳо дар навбати худ мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати хароҷоти истеҳсоли маҳсулот, таъмини иттилоотии раванди идоракунии хоҷагии кишоварзӣ, коркард, қабул ва амалисозии қарорҳои илман асоснокгардашудаи иқтисодӣ оид ба ҳал намудан ва идораву танзими равандҳои хоҷагидорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро талаб мекунад. Ҳамаи ин гуфтаҳо ба муҳим будани мавзуи диссертатсионӣ далолат мекунанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд ва дар шакли хулоса ва тавсияҳо баён гардидаанд, бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, таҳлили маълумот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, коркарди амсилаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар кор карда баромадан ва асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳияи равишҳои методӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди методикаи ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ба натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, инҳо мансуб мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявию методии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуда, равишҳои консептуалӣ оид ба ифшои мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардид. Ҳамзамон, таъиноти низоми баҳисобгирии идоракунӣ ошкор карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии босамари субъекти иқтисодии кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотии он пешниҳод карда шуд;
- таснифоти хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунӣ ба ҷо оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф оид ба беҳтар намудани таркиб ва муҳтавои моддаҳои хароҷот, методикаҳои баҳодиҳии хароҷоти

меҳнатӣ ва моддӣ, ки аз методикаҳои қаблӣ бо равишҳои нав оид ба таркиб, мухтаво ва пайдарпайии ҷойгиршавии моддаҳои хароҷот, муайянкунии қиматҳои меъёрии онҳо бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ фарқ мекунанд, манзур карда шуданд;

➢ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ омӯхта шуда, равишҳои методию амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатӣ, муайянкунии фонди музди меҳнат, методикаи баҳисобгирии идоракунии захираҳои истеҳсолӣ, баҳодиҳӣ, истифодабарӣ, ҳаракати дохилӣ ва харҷи онҳо дар равандҳои истеҳсолоти кишоварзӣ таҳқиқ шудаанд, тавсияхои амалӣ барои дар ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ инъикос намудани маълумот таҳия шудаанд;

➢ моҳияти иқтисодии объектҳои воситаҳои асосӣ ва таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуда, самтҳои асосии пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ тавсия дода шудааст, равишҳои нави ҳисобкунӣ ва соқиткунии истеҳлок барои пурра барқарор кардани онҳо коркард карда шудаанд. Ҳамчунин равишҳои методии ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ ва ҳолати воқеии онҳо бо ёрии ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод карда шудааст;

➢ дар асоси таҳлили хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ҷанбаҳои методии таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот асоснок карда шуда, самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои истеҳсолии он дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шудаанд;

➢ барои корхонаҳои кишоварзӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар заминаи гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи аломатҳои гуногун таҳия карда шудааст, ки ба баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти ҷудогона мусоидат мекунад;

➢ методикаи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард ва асоснок карда шудааст, ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулияти алоҳида ҳамчун қисматҳои асосии корхонаи кишоварзӣ равона шуда, имконияти самаранокии назорати идоракунии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти гузаронидани таҳқиқот, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд. Ҳамчунин аз ҷониби

муаллиф дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ аз муҳосиботи ширкатҳои соҳаи кишоварзӣ, алахусус ҶДММ “Латиф-Муродов”-и ш. Ҳисор пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард грдидааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**Дар боби якуми** диссертатсия «Асосҳои консептуалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули консепсияи он, мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми иттилоотии корхона, гурӯҳбандии хароҷот ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунии истеҳсолот ва арзишмуайянкунӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф асарҳои илмии олимон ва нуқтаи назари онҳоро оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ҳадафи омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадааст, ки “...ҳангоми муайян намудани моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз ғояи асосие бархӯрдор бояд шуд, ки дар он низоми баҳисобгирӣ ҳамчун звенои таъминкунандаи иттилоот ба ҳисоб меравад” (саҳ.16).

Ҳамчунин таърифҳои муаллифии олимони соҳаи баҳисобгирии идоракуниро омӯхта консепсияҳои зерини баҳисобгирии идоракуниро аз ҳам ҷудо намудааст (саҳ.17): баҳисобгирии идоракунӣ ин на танҳо баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслӣ мебошад, балки ба таҳлили ҳолатҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ низ сарукор мегирад; дар баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо баҳисобгирӣ (бахусус, муҳосибӣ ва фаврӣ), инчунин коркарди ин маълумотҳо, таҳлили онҳо ва назорат низ дар назар дошта мешавад; дар баҳисобгирии идоракунӣ диққати бештар ба пешгӯикунӣ, қабули қарорҳо, назорати саривақтиву пурраи буҷетҳо, таъмини махфияти маълумотҳо равона карда мешавад.

Муаллиф дар саҳифаи 29 диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки муҳит ва шароити кунунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ барои ба таври васеъ пешниҳод намудани иттилоот муҳосибонро муваззаф менамояд. Дар мавриди пешниҳодкунии иттилооти нокифоя, нодуруст ва носанҷида оид ба фаъолияти худ корхона мумкин аст сармоягузорон, харидорон, молтаъминкунандагон ва дигар шарикони эҳтимолии худро аз даст бидиҳад. Дар ин ҳолат талабот ба иттилоот оид ба ҳаҷми истеҳсолот, хусусиятҳои хоси соҳавии он вобаста ба доираи фаъолияти корхона, аз ҷумла намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, бозори фурӯш, таъминоти моддӣ-техникӣ, ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи самаранокии истеҳсоли маҳсулоти алоҳида ва ғ. меафзояд, ки ин гуфтаҳо аз муҳим будани мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми таъминоти иттилоотии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ далолат мекунанд.

Ҳамчунин дар зербоби 1.3 муаллиф масъалаҳои таснифоти хароҷотро ҳамчун асоси банақшагирӣ, идоракунии истеҳсолот ва арзишмуайянкунӣ эътироф намуда, намунаи ба гурӯҳҳо ҷудокунии хароҷоти корхонаи кишоварзиро [ҷадвали 1.3.1] пешниҳод намудааст, ки аз рӯйи он кор гирифтан дар муҳосиботи корхонаҳои кишоварзӣ барои дуруст ҳисобкунии арзиши аслӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ кӯмаки амалӣ мерасонад. Илова бар таснифи умумии хароҷот, муаллиф ба шарҳи муфассали намудҳои алоҳидаи хароҷот аз рӯйи аломатҳои ҷудогона, ба мисли: хароҷоти асосӣ ва барилова; хароҷоти мустақим ва ғайримустақим; хароҷоти истеҳсолӣ в ғайриистеҳсолӣ; хароҷоти тағйирёбанда, собит (доимӣ), нимдоимӣ ё нимтағйирёбанда ва дигарҳо пардохтааст.

Муаллиф таҳқиқи худро оид ба таснифоти хароҷот ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки дар ҳисоботҳои калкулятсионии бригадаҳо ва қисмҳо бузургии хароҷот аз рӯйи намудҳои маҳсулот ва давраи вақт ҷудо нишон дода мешавад. Таснифоти мазкури хароҷот назорат аз болои сатҳи арзиши аслии маҳсулотро таъмин менамояд ва уҳдадориҳои роҳбарони бахш ё бригадаҳоро барои тамоюлҳои сметаҳои хароҷот муайян менамояд [саҳ.61].

**Боби дуюми диссертатсия,** ки «Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» номгузорӣ шудааст ба таҳлили ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба подоши меҳнат, ташкили баҳисобгирии идоракунии захираҳои молию истеҳсолӣ методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби 2.1 проблемаҳои баҳисобгирии музди меҳнатро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки имрӯзҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ баҳисобгирии муҳосибии музди меҳнат на он қадар дуруст ба роҳ монда шудааст. Айни замон бештари хароҷоти музди меҳнат дар баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои кишоварзӣ инъикоси худро наёфтаанд [саҳ.62].

Барои амиқтар таҳқиқ намудани принсипҳои буҷетикунонии фонди пардохти музди меҳнат дар субъектҳои кишоварзӣ аз ҷониби муаллиф тамоми намудҳои музди меҳнат, ки хароҷоти корхонаи кишоварзиро оид ба музди кор ифода менамоянд, таснифот карда шудааст [саҳ.62], ки он самти методологии муҳимми ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва асоси буҷетикунонии фонди музди меҳнат ҳисоб меёбад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ коркарди низоми ҳавасмандгардонии моддӣ-меҳнатии кормандони хоҷагии қишлоқ бояд вобаста ба зарурияти

татбиқи низоми мустақими музди меҳнат на танҳо барои меҳнати як нафар, балки барои натиҷаҳои кори зерсохтор ва умуман корхона амалӣ карда шавад.

Унвонҷӯ ҳолати пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои кишоварзиро [ҷадвали 2.1.2, саҳ.69] таҳлил карда муайян кардааст, ки беш аз 54%-и пардохтҳо пардохтҳо аз рӯйи шартномаро ташкил медиҳад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳайати коргарони соҳаи кишоварзӣ ба таври муваққатӣ ба кор ҷалб карда мешаванд ва аз ин хотир ҳисобкунии пардохтҳои меҳнатӣ методикаи махсусро талаб мекнад, ки муаллифи диссертатсия ин ҷо бояд чунин методикаро пешниҳод мекард.

Ҳамчунин, муаллиф ҳайати фонди музди меҳнати корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали 2.1.3 таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки ҳиссаи аз ҳама баландтаринро дар ҳайати фонди ҳавасмандгардонии моддӣ пардохтҳо ба кормандони маъмурӣ ташкил медиҳад, ки чунин ҳолат ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагиҳои кишварзӣ оварда расонида, яке аз сабабҳои асосии вазъи бӯҳронӣ дар баъзе аз соҳаҳои аграрӣ мегардад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аслан фонди музди меҳнати кормандони корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи маҳсулоти истеҳсолшуда вобаста мебошад. Ҳамзамон дар асоси ҳисобкуниҳои меъёрӣ аз рӯйи ҳар як намуди маҳсулот, бузургии меъёрии музди меҳнат ва ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулот бояд муайян карда шавад [саҳ.72]. Дар охири соли ҳисоботӣ аз маҷмуи маҳсулоти воқеӣ фонди музди меҳнат барои соли оянда ҳисоб карда мешавад, ки методикаи бунёдкунии онро муаллифи диссертатсия дар саҳифаи 73 расми 2.1.1 коркард намудааст.

Ҳамчунин муаллиф дар доираи ин зербоби рисола ба масъалаи буҷетикунонии фонди музди меҳнат ва пардохти мукофотпулиҳо аз рӯйи натиҷаҳои ниҳойии истеҳсолот таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, ин ҳолатро дар хоҷагии кишоварзии ҶДММ “Латиф Муродов”- шаҳри Ҳисор таҳлил намуда [ҷадвали 2.1.4, саҳ.74], муаммоҳоро ошкор ва методикаи махсуси худро вобаста ба ҳалли ин мушкилот [ҷадвали 2.1.5] пешниҳод намудааст, ки ин амали муаллифро ҳамчун навгонии арзишманд эътироф кардан мумкин аст.

Дар зербоби 2.2. рисолаи диссертатсионӣ муаллиф вазъи кунунии ташкили баҳисобгирии захираҳои молию истеҳсолии корхонаҳои кишоварзиро таҳлил намудааст.

Дар робита ба Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658 тасдиқ гардидааст, ҳар як корхонаи кишоварзиро зарур аст, ки бо мақсади амалӣ гаштани ҳадафҳои дар консепсия муқарраргардида ва

пешбурди фаъолияти босубот миқдори муайяни масолеҳ, тухмиҳо, доруҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар намуди ашёҳои меҳнатро дар ихтиёр дошта бошанд.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсияи дуруст қайд менамояд, ки масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар шароити муосири истеҳсолоти кишоварзӣ бояд дуруст ҳал карда шавад. Сарфа кардани харҷи маводҳои истеҳсолӣ, паст кардани арзиши аслӣ, афзоиш додани ҳаҷми маҳсулот, шиддат бахшидан ба гардиши воситаҳои гардон... ...ба механизмҳои иқтисодии самараноки ҳавасмандкунии истифодабарии тамоми намудҳои захираҳо вобаста мебошад [саҳ.81].

Муаллиф қайд менамояд, ки барои ташкили дурусти баҳисобгирии захираҳои молию истеҳсолӣ пеш аз ҳама таснифоти онҳо кори зарурӣ мебошад ва намунаи онро барои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар расми 2.2.1 [саҳ.82] пешниҳод кардааст, ки он вобаста ба хсусиятҳои сифатӣ, техникӣ, моҳияти иқтисодӣ ва г. тартиб дода шуда, ҷиҳати ташкили баҳисобгирии таҳлилии онҳо ҳамчун заминаи методологӣ метавонад, хизмат намояд.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд намудааст, ки соҳаи кишоварзиро ҳамчун истеҳсолоти комплексӣ ҳисобидан мумкин аст, чунки дар як раванди истҳсолӣ якчанд намуди маҳсулотҳо ба даст оварда мешавад. Хусусияти чунин истеҳсолот дар мушкилии баҳисобгирии хароҷот ва тақсимкунии он байни маҳсулотҳои истеҳсолшуда зоҳир мегардад. Дар амалия якчанд усулҳои тақсимкунии хароҷоти маҷмуйӣ байни махсулотҳои истеҳсолшаванда ва ҳисобкунии арзиши аслӣ истифода бурда мешавад, ба мисли *усули коэффисиентӣ, усули нархи бозории фурӯш, усули нишондиҳандаи аслӣ (вазни қиёсӣ), усули камкунии хароҷот ба маблағи фурӯши маҳсулоти ғайриасосӣ ва г.* [саҳ.87]. Ин ҷо муаллиф моҳияти усули коэфисиентиро дар мисоли паввариши ғалладона манзури хонандагон гардонидааст [саҳ.87-88], ки ҳамчун маводи хуби амалӣ метавонад дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ истифода баранд.

Дигар чизи муҳиме ки онро метавон ҳамчун навгонии арзишманди рисолаи диссертатсионӣ эътироф кунем, ин тартиби инъикоси маълумот, ҷамъоварии маълуомоти таҳлилӣ дар ҳисобҳои таҳлилӣ (марбут ба ҳисоби таркибии 10720 “Ашёи хом ва мавод”) мебошад, ки амсилаи онро муаллиф дар ҷадвали 2.2.3 [саҳ.94] пешниҳод намудааст.

Дар зербоби 2.3 рисола муаллиф вазъи кунунии ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзиро анҷом дода, хулоса ва тавсияҳои худро оид ба мукаммалгардонии он пешниҳод кардааст. Диссертант маълумоти муҳосибии корхонаҳои кишоварзиро таҳлил карда, намунаи

гурӯҳбандии воситаҳои асосиро барои корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ коркард намудааст.

Ба сифати навгонии муҳим дар ин бахши рисолаи диссератстионӣ методикаи пешниҳодшудаи ҳисоб кардани маблағи солонаи истеҳлоки техникаи кишоварзӣ ва харочот ба фонди таъмир ва хизматрасонии техникӣ бо усули бақияи камшаванда дар ҶДММ «Латиф Муродов»-ро [ҷадвали 2.3.3, саҳ.111] ҳисобидан мумкин аст, ки аз он метавонанд дигар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ истифода намоянд.

**Дар боби 3-юми рисолаи диссертатсионӣ** таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии харочот, такмили методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият ва буҷетикунонӣ ҳамчун омилҳои рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати мукаммалгардонии он тавсияҳои амалӣ коркард карда шудааст.

Дар ин боби рисола самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии харочот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои истеҳсолии он [ҷадвалҳои 3.1.2, 3.1.3] дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шуда, тарҳи умумии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар амсилаи идоракунии харочот дар ҶДММ «Латиф Муродов» [расми 3.1.1] коркард гардидааст, ки онро метавон ҳамчун ҷанбаи методии таъминоти иттилоотии идоракунии харочот дар корхонаҳои кишоварзӣ эътироф намуд.

Ҳамчунин, барои корхонаҳои кишоварзӣ муаллифи рисола методикаи баҳисобгирии идоракунии харочотро аз рӯйи марказҳои масъулият дар заминаи гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи аломатҳои гуногун таҳия кардааст [расми 3.2.2], ки ба арзёбии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти алоҳида метавонанд мусоидат кунад.

Илова бар ин дар зербоби 3.3 рисолаи диссертатсионӣ муаллиф методикаи буҷетикунонии фаъолияти корхонаи кишоварзиро дар доираи низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо пешниҳоди амсилаи пайдарпайии тартибдиҳии буҷетҳо [расми 3.3.2] коркард намудааст, ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулияти алоҳида мусоидат намуда, имконияти самаранокии назорати идоракунии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд.

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия хулоса ва тавсияҳои назариявии илман асоснокгардида оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард карда шудаанд. Тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи усулҳои баҳисобгирии идоракунии харочот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои

кишоварзӣ пешниҳод шудаанд, ки на танҳо дар ҷараёни таълим, инчунин дар фаъолияти амалии субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзиро фаро гирифтааст. Баъзе пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф ба корхонаҳои соҳаҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки барои татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот корҳоро пеш баранд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии** наттиҷаҳои диссертатсия дар пешниҳодҳои коркардшуда зоҳир мегарданд, ки онҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар такмили танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот истифода шаванд. Натиҷаи мукаммалгардонӣ ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ба рушди иқтисодии соҳа мусоидат намуда, дар таъмини беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷомеа дар маҷмуъ саҳми босазо мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 1 монография (10 ҷ.ч), 17 мақола (дар ҳаҷми 8,7. ҷ.ч.) аз инҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшудашуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсион, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи

ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талботи мавҷуда таҳия гардидааст.

**Эродҳо ва тавсияҳо**

Дар диссератсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Муаллиф дар саҳифаи 69 ҳолати пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои кишоварзиро таҳлил карда муайян кардааст, ки беш аз 54%-и пардохтҳоро пардохтҳои шартномавӣ ташкил мекунанд. Мутаассифона сабаби ҷой доштани чунин ҳолатро шарҳ надодааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳайати коргарони соҳаи кишоварзӣ ба таври муваққатӣ ба кор ҷалб карда мешаванд ва аз ин хотир ҳисобкунии пардохтҳои меҳнатӣ методикаи махсусро талаб мекунад, ки муаллифи диссертатсия ин ҷо бояд чунин методикаро пешниҳод мекард.

2. Диссертант дар саҳифаи 82 диссертатсия таснифоти захираҳои молию моддиро барои хоҷагиҳои кишоварзӣ дар шакли расм пешниҳод кардааст, ки он вобаста ба хусусиятҳои сифатӣ, техникӣ, моҳияти иқтисодӣ ва ғ. тартиб дода шуда, ҷиҳати ташкили баҳисобгири таҳлилии онҳо ҳамчун заминаи методологӣ метавонад, хизмат намояд. Аммо, ба андешаи мо чунин таснифоти иҷрокардашударо метавон боз ҳам васеътар ва бо ҷузъиёти боз ҳам муфассалтар пешниҳод намуд.

**3.** Дар саҳифаи 87 диссертатсия муаллиф истифодабарии якчанд усулҳои тақсимкунии хароҷоти маҷмуйӣ (комплексӣ)-ро байни маҳсулотҳои истеҳсолшаванда ва ҳисобкунии арзиши аслӣ тавсия намудааст, ба мисли усули коэффитсиентӣ, усули нархи бозории фурӯш, усули нишондиҳандаи аслӣ (вазни қиёсӣ), усули камкунии хароҷот ба маблағи фурӯши маҳсулоти ғайриасосӣ ва ғ. Ин ҷо муаллиф моҳияти усули коэфисиентиро дар мисоли павариши ғалладона пешниҳод намудааст [саҳ.87-88], ки ҳамчун маводи хуби амалӣ метавонад дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ истифода гардад. Аммо, ба андешаи мо агар муаллиф ин ҷо оид ба методикаи истифодабарии дигар усулҳо зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ мисолҳои мушаххасро пешниҳод мекард, мазмуни ин зербоби рисола боз ҳам ғанӣ мегашт.

4. Дар расми 3.3.2. (саҳ. 167) унвонҷӯ амсилаи пайдарпайии таҳияи буҷетҳо барои корхонаи кишоварзиро иборат аз унсурҳои муҳими он пешниҳод намудааст, аммо ҷойгир кардани баъзе аз унсурҳои дигарро дар ин амсила фаромӯш намудаст: ба мисли буҷети хариди захираҳои молию истеҳсолӣ (талабот ба ЗМИ) ва буҷети хароҷоти тиҷоратӣ.

Ногуфта намонад, ки ҳолатҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ.** Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илм ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти ба пуррагӣ анҷомрасида ҳисоб меёбад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии**
**Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Шарифов З.Р.**

**Имзои д.и.и., профессор Шарифов З.Р.-ро** тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур **Абдуҳалимзода Н.А.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Бинои асосӣ, утоқи - 209; **E-mail:** zarif sharifov49@mail.ru
**Телефон:** (+992) 905-00-44-00